# Аҳодиси Набави дар мавзуи китоби эҳсор ва ҷазои шикор кардан аз китоби "Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ"

كتاب الإحصار و جزاء الصيد من مختصر صحيح البخاري

[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]

Таҳияи : Мусаби Ҳамза

2009 - 1430

islamhouse.com

# كتاب الإحصار و جزاء الصيد

# من مختصر صحيح البخاري

« باللغة الطاجيكية »

إعداد : مصعب حمزة

2009 - 1430

islamhouse.com

# КИТОБИ ЭҲСОР ВА ҶАЗОИ ШИКОР КАРДАН

## БОБИ 1. Агар умракунанда ба монеъ дучор шуд

**879.** Аз Ибни Аббос (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) аз адои умра дучори монеъ гардиданд. Сари худро тарошиданд, бо ҳамсарони худ ҳамбистар гаштанд ва ҳадяро забҳ намуданд ва умраро дар соли оянда анҷом доданд.

## БОБИ 2. Ба монеъ бархӯрд намудан дар ҳаҷ

**880.** Аз Ибни Умар (р) ривоят аст, ки мегуфт: Оё суннат ва пайравӣ аз Паёмбари Худо (с) бароятон кофӣ нест? Агар касе аз шумоён барояш монеъе аз адои ҳаҷ пайдо шуд, ба хонаи Каъба тавоф карда, байни Сафо ва Марва саъй намояд.
Баъд аз анҷом додани ин кор ҳама чиз барояш ҳалол мегардад. Баъд аз он дар соли оянда омада ва ҳаҷро адо намояд, ҳадяро забҳ кунад ва агар қудрат ба ҳадя надошт, рӯза бигирад.

## БОБИ 3. Дар вақти эхсор бояд ҳадя пеш аз тарошидани сар забҳ гардад

**881.** Аз Мисвар (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар Ҳудайбия, ки куффори Қурайш монеъи рафтанашон ба Макка шуданд, пеш аз тарошидани сари хеш ҳадяро забҳ намуданд ва асҳоби худро низ ба ин кор амр фармуданд.

## БОБИ 4. Ин қавли Худованди мутаъол, ки мефармояд "Ё додани садақа..." ва садақа иборат аз таъом додани шаш мискин аст

**882.** Аз Каъб ибни Уҷра (р) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (с) дар Ҳудайбия бар болои сарам истоданд ва шабушкҳо аз сарам мерехт.
Фармуданд: "Оё хазандагони сарат боиси азият шуданд?"
Гуфтам: Бале.
Фармуданд: "Саратро битарош." Каъб (р) мегӯяд ва ин ояи карима дар бораи ман нозил гардид: **«Агар касе аз шумо мариз буд, ё ба ӯ азияте аз сараш буд, пас бояд ивази он рӯза бигирад ва ё садақа бидиҳад ва ё забҳ намояд.»** *(Бақара: 196)*
(Баъд аз нузули ин ояи карима) Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Се рӯз рӯза бигир, ё барои шаш нафар садақа бидеҳ, ё он чиро метавонӣ, забҳ кун."

## БОБИ 5. Мӯрод аз таъом додан дар фидя нисфи соъ аст

**883.** Ва аз Каъб ибни Уҷра (р) ривояти дигаре омадааст, ки гуфт: Ояи мазкур хос дар бораи ман нозил гардида ва шумоёнро ба таври умум шомил мегардад.